# ХУЛОСАИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Парвандаи аттестатсионии №___

қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 24.09.2022. Протоколи №___

Дар бораи ба Мусоева Бунафша Аламхоновна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Технологияи омодасозии омӯзгоронии касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар заминаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67) ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мусоева Бунафша Аламхоновна 21-уми феврали соли 1981 шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дар оилаи хизматчи таваллуд шудааст. Ӯ аз соли 1987 то соли 1998 дар мактаби миёнаи умумии №4-и шаҳри Кӯлоб таҳсил намуда, пас аз хатми мактаби миёна соли 1998 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи ихтисоси информатика дохил шуда, онро соли 2009 хатм карда ва соли 2010 ба ҳайси унвонҷӯ дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шуда аст.

Фаъолияти кории худро аз соли 2009 дар вазифаи коргузори факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз намудааст. Соли 2012 дар вазифаи мудири озмоишгоҳи шуъбаи эҷодиёти техникӣ ва саноати амалии маркази Ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2012 то 2014 мутахассиси шуъбааи таҳияи сиёсат дар соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии фаъолияти худро давом додааст. Солҳои 2014-2015 ёвари ректори Донишкадаи идоракнии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2016-2017 омӯзгори калони кафедраи математикаи таълими фанҳои табиии – риёзӣ ва аз соли 2017 то ин ҷониб сармутахасиси шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Солҳои 2010 то 2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика факултети математикаи Муассисаи давлатии таълими «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ фаъолият бурда, зери роҳбарии д.и.п., профессор Шодиён М.С. ба корҳои илмӣ тадқиқотӣ машғул гардидааст.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Исломов Озод Азимович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи “Нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими он”-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
2. **Махкамов Мамадҷон,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Тақризи ташкилоти тақриздиҳанда:** Тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи Мусоева Бунафша Аламхоновна бо имзои раиси ҷаласа, Мудири кафедраи методикаи таълими математика ва таълими он ва аъзоён номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Ниёзов Ҷ.М. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Маҳмудов Т. дар семинари васеъи кафедра аз 6-уми сентябри соли 2022 протоколи №2 ва бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Раҳмон Д.С. аз таърихи 6-юми сентябри соли 2022, тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад, дар он мубрамияти мавзӯъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 11 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 7-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва 4-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачоп расида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

## ФЕҲРЕСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:


[1-М]. *Мусоева Б.А.* Технологияи омодасозии завқи математикии хонандагон [Матн] / **Б.А. Мусоева,** М.С. Шодиён // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсила: илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ –№1-4 (80).–Бохтар, 2020, – С.103-105. ISSN: 2663-6417.

[2-М]. *Мусоева Б.А.* Роҷеъ ба асосҳои назариявии омодагии омӯзгорони оянда ба раванди идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон [Матн] / **Б.А.Мусоева,** М.С. Шодиён // маҷаллаи илмӣ-пажуҳишии Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ №4 (5) –Душанбе, 2020, – С. 57-62. ISSN: 2708-5759.

[3-М]. *Мусоева Б.А.* Модел организации образавательного процесса, включающая основные принципы формирования математических представлений у школьников [Текст] / **Б.А. Мусоева** // Вестник

Таджикского национального университета. Серия: гуманитарных наук. №3/6 (121). – Душанбе: «Сино», 2013, – С. 227-230. ISSN: 2074-1847.
[4-М]. *Мусоева Б.А.* Профессиональная готовность будущих педагогов к управлению математическим развитием школьников [Текст] / **Б.А. Мусоева,** Т.А.Шукурзод, А.Табаров. // Учёные записки Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова. №1(34). –Худжанд, 2013.– С.174-180. ISSN: 2077-4990.
[5-М]. *Мусоева Б.А.* Процесс формирования и управления математическим развитием учащихся [Текст] / **Б.А. Мусоева** // Вестник Таджикского госуниверситета права, бизнеса и политики. Серия: гуманитарнчх наук. –№3 (55). – Худжанд, 2013, – С.292-295. ISSN: 2218-256X.
[6-М]. *Мусоева Б.А.* Математическое развитие школьного возраста как управляемый процесс [Текст] / Т.А. Шукурзод, **Б.А. Мусоева** // Вестник Таджикского национального университета. Серия: гуманитарных наук. – №3/4 (90).–Душанбе: 2012, – С.251-254. ISSN: 2074-1847.
[7-М]. *Мусоева Б.А.* Формирование педагогического учения в процессе управления математическим развитием школьников [Текст] / Т.А. Шукурзод, **Б.А. Мусоева.** // Вестник Таджикского национального университета. Серия: гуманитарных наук. – № 3/5 (93). –Душанбе: 2012, – С.191-193. ISSN: 2074-1847.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба таъб расидаанд:**

[8-М]. *Мусоева Б.А.* Роҷеъ ба омодасозии омӯзгорони оянда дар инкишофи завқи математикии хонандагон [Матн] / М.С. Шодиён, **Б.А. Мусоева** // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040). – Бохтар, 2020. – С. 310-311.
[9-М]. *Мусоева Б.А.* Инкишофи завқи математикии хонандагон ва шароити дидактикии омӯзиши он [Матн] / **Б.А. Мусоева** // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳурӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Кӯлоб, 2020. – С. 246-248
[10-М]. *Мусоева Б.А.* Андар асосҳои назариявии омодагии омӯзгорони оянда ба инкишофи завқи математикии хонандагон [Матн] / **Б.А. Мусоева** // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», маҷаллаи

Накши фанҳои табиӣ-риёзӣ дар рушди соҳаи саноъати тоҷик. – Бӯстон, 2020. – С.132-133.

[11-М]. *Мусоева Б.А.* Фарҳангӣ ҳуқуқӣ ва амалкарди пурсобиқаи он [Матн] / **Б.А. Мусоева** // Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2015, №1 (25), – С.139-142. ISNN: 2040-6004.

Ба шӯрои диссертатсионӣ 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Мусоева Бунафша Аламхоновна ворид шудаанд:

1. **Абдулакимова Ҷ.А** – номзади илмҳои педагогӣ и.в. дотсент кафедраи методикаи таълими математика ва техналогияи иттилооти МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

**Ба автореферат тақриз додаанд:**

2. **Абдулакимова Ҷ.А** – номзади илмҳои педагогӣ и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва техналогияи иттилооти МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.
3. **Келдибекова А.О.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори мудири кафедраи “Технологияи таълими риёзиёт, информатика ва менеҷменти таҳсилот”-и Донишгоҳи давлатии шаҳри Ош.
4. **Бронникова Л.М.** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Директори институти технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти Донишгоҳи омӯзгории Алтай.

Ҳама тақризҳои воридшуда мусбӣ буда, эродҳо асосан хусусияти тавсиявӣ доранд.

***Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.*** Вобаста ба муносибати эҷодӣ ба воқеияти атроф, ҷомеаи муосир барои ҷавонони донишҷӯ як қатор талаботҳои навро пешкаш менамояд, ки бо салоҳиятнокӣ дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ, омодагӣ ба зуҳури эҷодкорӣ дар ҳамкориҳои иҷтимоӣ ва қобилияти ба ҳам пайвастани манфиатҳои шахсии худ бо манфиатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошанд.

Вазифаи донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон натанҳо тайёр кардани мутахассис мебошад, балки фароҳам овардани шароит барои ташаккули шахс ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ ва дигаргунсозии ҷаҳони атроф ба шумор меравад.

Аз ин ҷиҳат, имкониятҳои фаъолияти корҳои беруназзинфӣ умумиэътироф ба ҳисоб мераванд, ки барои намудҳои гуногуни эҷодиёт (иҷтимоӣ, бадеӣ, зеҳнӣ ...) шароит фароҳам меоранд. Дар баробари ин, корҳои беруназзинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аксари вақт самтҳои маҳдудӣ, тахассусӣ (касбӣ ё фароғатӣ) доранд, ва худтанзимкунӣ ё амалияи васеи ҷамъиятӣ нестанд, ки қолабҳои нави ҳамкории иҷтимоиро ба вуҷуд оранд.

Таҳсилот барои муваффақияти эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯён шароит фароҳам оварда, барои дар амал татбиқ кардани қобилият, имконият ва завқи идрокии онҳо шароити мусоид фароҳам меоварад. Ин кор зарурати тағйиротро дар ташкил ва идоракунии раванди таълим муайян мекунад.

***Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.*** Дар таърихи педагогика оид ба идоракунии таълим ва рушди донишҷӯён ду назари ба ҳам зид мавҷуданд. Масалан, «Асарҳои мунтахаби педагогӣ» (К.Д. Ушинский, 1968) ва пайравони ӯ идоракунии таҳсилотро дар раванди таъсири омӯзгорон ба донишҷӯён мебинанд, вале тарафдорони равияи дигар онро дар ҷараёни таълим дар ҳамкории омӯзгорон бо донишҷӯён (на ба таъсир) маънидод мекунанд.

Дар таҳқиқоти «Раванди таълим дар мактабҳои олӣ, асосҳо ва усулҳои мантиқии он» (С.И. Архангельский, 1980), «Идоракунии илмии ҷомеа, таҷрибаи таҳқиқоти система» (В.Г. Афанасев, 1973), «Асосҳои дидактикии методикаи таълим» (В.П. Беспалко, 1970), «Диагностикаи шахсияти муаллим ва малакаи касбии ӯ» (М.И. Кондаков, 1995), «Санҷиши эътимоднокӣ ҳамчун нишондиҳанда салоҳият ва объективии баҳогузорон» (В.П. Симонов, 2012), «Идоракунии раванди азхудкунии дониш» (Н.Ф. Тализина, 1975), «Дар масъалаи дурустии истифодаи баъзе истилоҳоти менеҷмент дар таҳқиқоти мактаб» (П.В. Худомский, 1978), муқарраротӣ асосии назарияи педагогӣ ошкор карда шуда, қонунҳо ва усулҳо (принсипҳо)-и системаҳои педагогӣ муайян карда шуданд

Дар таҳқиқоти «Дурустии назариявии диққати трансформатсионии ғояҳои педагогии олимони тоҷик ва нақши онҳо дар навсозии мактаби миллӣ: дар мисоли фаъолияти аввалин президенти Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Лутфуллоев» (М.М. Афғонов, 2009), «Усулҳои таълими математика дар мактаби миёна» (Г.И. Саранцев, 2002) ва ғайраҳо ба идоракунии фаъолияти таълимии хонандагон, ташаккули малакаҳо дар идоракунии раванди таълим бахшида шудаанд. Дар таҳқиқоти «Такмили раванди таълими математика дар заминаи татбиқи мақсадноки робитаҳои дохили-фанӣ» (В.А. Далингера, 1993) ва асарҳои ёдшуда масъалаҳои омӯзиши вазифаҳои гуногуни таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар масъалаҳои омода намудани донишҷӯён ба корҳои методӣ манфиатовар мебошанд. Аммо масъалаҳои марбут ба омодасозии идоракунии инкишофи завқи математикӣ дар фаъолияти таълимӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот дар бораи шахсияти муаллим, сохторҳо ва қолабҳои фаъолияти психологию педагогӣ, «Асосҳои назариявӣ ва методологии таълими математика ҳамчун илм», «Асосҳои назариявӣ ва методологии системаи методии таълими методии муаллими математика дар муассисаи педагогӣ. (М. Нугмонов, 1999), «Усулҳои таълими ҳалли масъалаҳои комбинативӣ» (Е.Е. Белокурова, 1994), «Усулҳои истифодаи маводҳои таърихӣ дар раванди таълими математика

дар мактабҳои олии равияи педагогӣ», «Таълими ахлоқӣ дар раванди омӯзиши таърихи математика дар заминаи ғояҳои олимони асримиёнагии форс-тоҷик» (М.С. Шодиён, 2018; 2014), «Усули истифодаи маводи таърихӣ дар раванди таълими геометрия дар педагогикаи олии муассисаҳои таълимӣ» (А.М. Хоҷаев, С.А. Сатторов, 2019), «Вазифаҳои фарқкунандаи кори мустақилонаи хонандагон дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ» (Ҷ. Шарифзода, 2016) ва ғ. ва диққатро ба мафҳуми тайёр кардани мутахассисони соҳаи маориф дар методикаи таълими математика ҷалб мекунанд.

Қобили зикр аст, ки дар таҳқиқоти мавҷудаи методӣ ба масъалаи омодасозии омӯзгорон барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон то ҳанӯз таваҷҷӯҳи кофӣ зоҳир нашудааст. Аз ин рӯ, коркарди масъалаҳои ҷанбаи назариявӣ ва методидоштаи асосноккунии амсилаи омодагии мутахассис барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон, таҳқиқи вижагиҳои донишу маҳорати зарурӣ барои амалисозии идоракунӣ, ошкорсозии маҷмӯи шароити мусоид барои ташаккулёбии маҳоратҳои омӯзгорони ояндаро тақозо мегардад.

Баъд-ин тартиб, миёни эҳтиёҷоти таҷрибаи педагогии омӯзгорони математика да роҳи идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ва коркарди ҷанбаҳои назариявӣ ва методии масъалаи «Технологияи омодасозии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» масъалаи таҳқиқотӣ ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти ҳамин масъала, мавзӯи таҳқиқоти мо интихоб ва тасвиб гардид.

***Фарзияи таҳқиқот*** - Технологияи амалисозӣ ва омодасозии касбии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар муассисаҳои олии омӯзгорӣ самаранок мешавад, агар:

- сохтор ва мундариҷаи фаъолияти омӯзгор барои омодасозии идоракунии инкишофи завқи математикии хонгандагон ошкор шавад;
- омодасозии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ҳамчун қисми таркибии тайёрии касбӣ-методии онҳо муайян шавад;
- амсилаи омодасозии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон бунёд карда шавад;
- технологияи самаранокии амалисозии амсилаи омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон коркард шавад;
- меъёрҳо, нишондодҳо оиди сатҳи ташаккулёфтаи омодасозии идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон муқаррар карда шавад.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот иборатанд аз:***

– сохтор ва мундарицаи фаъолияти муаллими оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ошкор карда шуд;

– омодасозии касбии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ҳамчун як қисми таркибии касбӣ-методии онҳо;

– амсилаи омодасозии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон асоснок карда шуд;

– технологияи самаранокии амалисозии омодасозии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон коркард шуд;

– меъёрҳо, нишондодҳо оиди сатҳи ташаккул ёфтани омодасозии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон муайян карда шуд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқотро*** - асосҳои назариявию методологии омӯзиши технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ташкил медиҳад. Маводи назариявии омӯзишӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ муфид буда, дар таълими математика пурра истифода карда мешавад. Маводи таҳқиқот инчунин барои навиштани дастурҳои методӣ ва таълимӣ дар соҳаи методикаи таълими математика хизмат мекунад.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** -дар коркард ва дар амал татбиқ гардидани курси махсуси «Идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» дар танзими тавсифномаи тахассусии мутахассис оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон мебошад, ки метавонад тавсифномаи тахассусии омӯзгорро дар таъйини нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои сатҳи ташаккули омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон такмил ва пурра намояд, ки он ба устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ имконият медиҳад, ки саривақт ва босамар раванди омодагии донишҷӯёнро барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон таҳти назорат дошта бошанд.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:*** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли баромадҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар семинару ҷаласаҳои кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, инчунин дар конференсияҳои минтақавию вилоятӣ, ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Душанбе инъикос ёфтааст.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо

зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии таҳқиқот» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот», бахши «Охирсухан», бахши «Рӯйхати адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва « Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 175 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 9 расму диаграмма ва 12 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 212 номгӯй мебошад.

Диссертатсияи Мусоева Бунафша Аламхоновна талаботи муқаррарнамудаи банди 7-уми «Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ» нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мебошад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ (24.09.2022, протоколи №1), дар бораи ба Мусоева Бунафша Аламхоновна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ иборат аз 15 нафар, иштирок доштанд 15 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм, ки ба ҳайси шӯро дохил мешаванду дар ҷаласа иштирок доштанд, чунин овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, зид – нест, бюлетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ** **Ойматова Ҳ.Х.**

Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

26.09.2022. ҶМ